# НАКШИ ИЛМ ВА АДАБИЁТ ДАР ТАХКИМИ ХУДШИНОСӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

*Дар киссаву таърих чу озода бихонед,*

*Максуд аз озода шумоед, шумоед.*

*Деххудо*

Илм ва адабиёт хамеша гирхекушои инсон буд, яъне аз огоз барои рахоӣ аз мушкилот, асорати динӣ, мазхабӣ, таргиби ахлоки пок, одамият, худшиносӣ, инсоншиносӣ, диншиносӣ ва гайра хидмат менамуд, по ба пои замон ва талаботхои он амал мекард, пеш мерафт. Ба хотир биёред, талошхои олимону адибони моро баъд аз истилои араб, муковимат ва мубориздаи онхоро ба забони бегона, яъне арабӣ, баргардони осори илмиву адабӣ ба забони арабӣ, барои аз нобудӣ рахонидан ва баъдан аз нав ба точикӣ тарчума намудан, хусусан кӯшишхои Рӯдакӣ ва соири адибони замони Сомонӣ, ки хеле босамар буданд. Дар ин бора устод Саид Нафисӣ чунин гуфтааст: «Кореро, ки Амир Исмоили Сомонӣ бо шамшери буррандаи хеш огоз карда буд, Абдуллох Чаъфар ибни Мухаммад бо хомаи хеш ба поён расонид. Ин Абӯабдуллох Чаъфар ибни Мухаммад рохбаре тавоно буд, ки рохро барои Дакикӣ ва Кисоӣ ва Фирдавсӣ кушуд ва мухандиси хунарманде буд, ки хонаи човидонии Унсуриву Фаррухиву Асчадиву Мунчик ва Носири Хусравро пояе устувор ниход». [1] Ба кавли шоире:

*Рӯдакӣ низ чун дури шахвор*

*Зеби дарбори оли Сомон буд.*

*Хамчу теги амир Исмоил*

*Хомаи Рӯдакӣ ба чавлон буд…*

*Дар низоъи бакои миллият*

*Аввалин кахрамони майдон буд.*

*Миллати мо рахини миннати ӯст,*

*Миннат ӯро сазад, ки маннон буд.* [2]

Фирдавсӣ касе буд, ки, ба кавли худаш, бо ранчхояш, Ачамро, ки баъди истилои араб мурда буд, зинда намуд:

*Басо ранч бурдам дар ин сол сӣ,*

*Ачам зинда кардам бад-ин порсӣ.* [3]

Аммо кабл аз эшон Яъкуби Лайс, ба кавли Носири Хусрав, аз аввалин амирони Хуросон

буд, ки барои истиклолхохӣ то Басра рафт ва хидмати бузургро барои миллат анчом дод. Хамзамон, ӯ назарияи «он чи ман андар наёбам, чаро бояд гуфт»-ро ба миён гузошт ва бад-ин тартиб истиклоли адабии забон ва адабиёти миллати моро асос гузошт ва бунёнгузорӣ намуд. Вокеан, Носири Хусрав ба кавли мухаккики фаронсавӣ Пол Омер, «баъд аз он ки ба синни рушд расид, китъаоте аз ашъори Фирдавсии Тӯсиро ба даст оварда хонд ва мутаваччех шуд, ки эрониён дар кадим кавми барчаста буданд ва султаи кавми араб онхоро дучори инхитот кард». [4] Ин абёти Носири Хусрав, ки аз худшиносии шоир ба мо мужда медиханд, на танхо ахамияти таърихӣ доранд, балки барои боло бурдани худогохии миллии миллати мо кӯмаки бешоиба менамоянд:

*Хуросон з-оли Сомон чун тихӣ шуд,*

*Хама дигар шудаш ахволу Сомон.* ***[5]***

***

*Он, к-ӯ ба Хиндувон шуд, яъне, ки гозиям,*

*Аз бахри бардагон, на зи бахри газо шудаст.* ***[6]***

***

*Ман аз пок фарзанди озодагонам,*

*Нагуфтам, ки Шопур бани Ардашерам.* ***[7]***

Хоконӣ агарчи дар даврони зафъи рӯхи миллӣ зиндагӣ ва эчод кардааст, аммо осораш

саршор аз афкори миллӣ аст. Ӯ шоири шуубӣ махсуб мешавад. Аз ин рӯ, осораш дар парвариши рӯхи миллии шахрвандон накши барозанада метавонад дошта бошад. Ашъоре аз ин даст:

*Неъмате бехтар аз озодӣ нест,*

*Бар чунин моида куфрон чӣ кунам?* [8]

***

*Чароги Каён кушта шуд, кош ман*

*Ба маргаш чароги сухан куштаме.* [9]

***

*Мулки Ачам чу туъмаи туркони аъчамист,*

*Окил кучо бисоти таманно барафканад?*

*Тан гарчи суву этмак аз эшон талаб кунад,*

*Кай мехри шах ба Отсизу Бугро барафканад.* [10]

***

*Чу ин чо маънии Куръон надонам,*

*Равам он чо, ки Обисто бихонам.* [11]

***

*Магзор мулки Ораше дар дасти муште оташе,*

*Хуш нест гарди нохушӣ бар рӯйи зебо рехта.* [12]

Мутаасифона, баъди ба адабиёт ворид шудани тасаввуф, алалхусус хучуми мугул ба кишвари мо, рӯхи миллӣ заиф мешавад, яъне бозтоби он дар илму адабиёт камранг мегардад, кариб ба сифр мерасад. Аммо, мо ба хар хол, хол-хол дар осори адибон ва олимон ба афкор ва ашъоре рӯ ба рӯ мешавем, ки дар онхо андеша ва рӯхи миллӣ таргиб мешаванд. Ба ин намунахо аз Мавлоно тавaччух фармоед, ки онхо имрӯз низ ахамияти худро аз даст надодаанд ва дар тарбияи ифтихор ва худшиносии миллии мо метавонанд накши мухим бибозанд:

*Форсӣ гӯ, гарчи тозӣ хуштар аст,*

*Ишкро худ сад забони дигар аст.*

*Бӯйи он дилбар чу паррон мешавад,*

*Он забонхо чумла хайрон мешавад.* ***[13]***

** * **

*Балхиям ман, балхиям ман, балхиям,*

*Шӯр орад оламе аз талхиям.* ***[14]***

*****

*Наъраи хою хӯйи ман, аз дари Рум то ба Балх,*

*Асл кучо хато кунад, Шамси ману Худои ман.* ***[15]***

*****

*Дар сафар гар Рум бинӣ ё Хутан,*

*Аз дили ту кай равад хуббулватан.* ***[16]***

Албатта, мо дар осори Хочу, Хофиз, Сохиби Шерозӣ, Биноӣ, Урфӣ, Толиби Омулӣ, Нозими Хиротӣ ва бархе аз дигарон низ ба андешаву афкори миллӣ, ватандӯстона рӯ ба рӯ мешавем, ки мутолиаи онхо дар тахкими рӯхи миллии хамватанон накши шоиста мебозанд. Ба сифати мисол шеъри поёни Хочуро мегирем, ки аз рӯхи миллӣ бархӯрдор буда, бар зидди бартарияти кавмчӯёнаи аъроб нигаронида шудааст:

*Буд Хабиби Ачамӣ дар намоз,*

*Шуд Хасани Басри-ш аз дар фароз.*

*Дид, ки ал-хамд ба ал-хамд хонд,*

*Рахши кироат ба иборат наронд.*

*Гуфт: «намоз аз паси ин чун тавон»,*

*К-ин ачамӣ хаст шикастазабон?*

*Дур шуду кард ба танхо намоз,*

*З-он ки кунад хос зи ом эътироз.*

*Дид хамон шаб чу фурӯ шуд ба хоб,*

*К-омадӣ аз хазрати иззат хитоб,*

*К-эй Хасан, ар хусни иборат турост,*

*Сиххати нияят зи иборат чудост.*

*Тири фазилат шудат акнун зи шаст,*

*Ёфта будиву бидодӣ зи даст.*

*Гарра чӣ бошӣ ба ибороти хеш,*

*Ношуда кашшофи ишороти хеш.*

*Гар ту чудогона накардӣ намоз,*

*Кардаӣ тооти ту будӣ ба соз.*

*Дил чу дуруст аст, забонро бихил,*

*Номи забон аз чӣ бари пеши дил.*

*Тӯтии хушхон, ки забон номи ӯст,*

*Шаккари ширини баён коми ӯст.*

*Айб макун, гар шиканад дар сухан,*

*Бад набувад, тӯтии шаккаршикан… [17]*

Аммо олимону адибони мо асосан аз аввали асри гузашта имкон ёфтанд, ки дар бораи миллати хеш сухан бигӯянд, рӯ ба худогохии миллӣ биёранд. Устод Айни кахрамони ин майдон аст. Нахустин асархои назмиву насрии устод, аз чумла «Марши хуррият» ва киссаи «Одина», дар ташвику таргиби рӯхи миллӣ, бедорӣ, худогохии мардум накши бузург бозидаанд:

*Эй ситамдидагон, эй асирон!*

*Вакти озодии мо расид,*

*Муждагонӣ дихед, эй асирон!*

*Дар чахон субхи шодӣ дамид. [18]*

Дигар, махз устод Айнӣ аввалин бор точикситоиро дар шеър бунёд гузошт ва чахониёнро аз сирру асрору фархангу тамаддуни воло, зехни софу дарроки точикон вокиф сохт ва барои адибони дигар хамчун намунаи ибрат хидмат кард:

*Ба парда то ба чандин рози точик?*

*Биё, биншин, шунав овози точик.*

*Ба зехни софу истеъдоди фитрӣ*

*Набошад дар чахон анбози точик.*

*Суханро чун арӯсон зеб дода,*

*Забони маърифатпардози точик.* ***[19]***

Махз дар хамин давра илм ва адабиёти соф миллии мо поягузорӣ шуд. Бинобар ин, олимону адабони хамзабони мо, ки ханӯз дар асорати бегонагон карор доштанд, илму адабиёти моро на танхо ба сифати сармашк пазируфтанд, балки ба ташвику таргиби он пардохтанд. Аз чумла, донишманди эронӣ Саид Нафисӣ дар ин боб гуфта: «Барои мо махсусан рохи республикахои Осиёи Миёна, ки таърихан ба мо наздиканд ва дар як муддати кӯтох ба шукуфоии маданияти худ ноил гардидаанд, ибратомӯзанд. Асархои нависандагони намоёни точик С. Айнӣ, М. Турсунзода, Миршакар, Улугзода, Икромӣ… барои чавонони мо, дар рохи ба вучуд овардани адабиёти миллӣ ва хакикатан халкии худ, намунаи сазоворест». [20] Бинобар ин, метавон гуфт, ки тамоми осори олимону адибони мо, аз чумла устод Айнӣ, Лохутӣ, Турсунзода, Бобочон Гафуров, Дехотӣ, Улугзода, Икромӣ, Рахим Хошим, Мухаммад Осимӣ, Носирчон Маъсумӣ, Бокӣ Рахимзода, Муъмин Каноат, Убайд Рачаб ва дигарон намунаи олии хидмат ба миллату кишвар ва мавкеи дурусти онхо махсуб мешавад. Дар ин замина асархое чун «Намунаи адабиёти точик», «Ёддоштхо», «Исёни Муканнаъ», «Кахрамони халки точик Темурмалик»-и устод Айнӣ, «Точикон», «Точикон ва талошхои таърихии онхо барои озодии Ватан»-и Бобочон Гафуров, «Сарои тамаддун», «Точикистон шуд мунаввар», «Коваи охангар», «Кремл», «Механ, эй механ», «Бандагӣ даркор нест»-и Лохутӣ, «Писари Ватан», «Чони ширин», «Асри ман», «Ватан», «Дӯстонро гум макун»-и Турсунзода, «Субхи чавонии мо», «Ривояти сугдӣ», «Восеъ», «Фирдавсӣ»-и Улугзода, «Духтари оташ», «Зогхои бадмур»-и Икромӣ, «Одамони човид»-и Рахим Чалил, «Вафо»-и Фотех Ниёзӣ, «Дар он дунё»-и Ф. Мухаммадиев, «Фикрхои зиддидинӣ дар адабиёти точик»-и Холик Мирзозода, «Кишлоки тиллоӣ»-и Миршакар, «Ишки Ватан»-и Хабиб Юсуфӣ, «Сайидо ва макоми ӯ дар таърихи адабиёти точик»-и Абдулганӣ Мирзоев, «Одам-уш-шуарро Рӯдакӣ»-и Афсахзод, «Суруши Сталинград»-и Муъмин Каноат, «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзоев, «366-пахлу»-и Гаффор Мирзо, «Каримбой дар хонаи Худо»-и Ахмадчони Хамдӣ, «Ситорае дар тирашаб»-и Расул Ходизода ва гайра аз шохкорихои илму адаби мо махсуб мешаванд, ки дар асри гузашта эчод шудаанд. Мо дар хамаи ин асархо ба ин ё он навъ дахолати адибонро ба хаёти халк ва такдири кишвар бармало боздид менамоем. Хамаи ин осор дар рӯхияи баланди ватандӯстона, хидмат ба миллат, таргиби арзишхои миллӣ, вахдату якпорчагии шахрвандони кишвар, таъмини амнияту сулху осоиш навишта шудаанд. Бинобар ин, дар парвариши рӯхи миллии шахрвандон, ба вижа чавонон, ки ояндаи миллат ва кишваранд, накши мухим мебозанд. Ногуфта

намонад, ки имрӯз низ олимону адибони мо дар эчоди осоре, ки рӯх ва андешаи миллиро таргиб мекунанд, муваффакиятхои назаррас доранд. Аммо, мутаассифона, на хамаи ахли илму адаб дар ин самт кӯшо мебошанд. Бисёре аз онхо як навъ бетарафӣ ва бетафовутӣ нисбат ба такдири миллат ва кишвар зохир менамоянд. Ба сифати як навъ тамошобин ба хаводиси рӯзгор назар меандозанд. Аз имконияткои истиклол самаранок ва ба фоидаи миллату кишвар истифода наменамоянд, кор намегиранд, баръакс, аз озодихои истиклол сӯистифода мекунанд. Осоре эчод менамоянд, ки бар зарари манфиатхои миллат ва кишвар мебошанд. Албатта, ин амали онхо як навъ аз гумрохӣ ва мавкеи нодурусти онхо ба хаёт ва такдири миллату кишвар хабар медиханд. Эшон як навъ масъулиятгурезӣ менамоянд. Хол он ки вазифаи ахли калам дахолат ба зиндагӣ, хизмат ба халк ва кишвар ба хисоб меравад. Шоир бехуда нагуфтааст, ки:

*Хар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,*

*К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ.* [21]

*Зеро:*

*Дар халк, буруни халк будан галат аст,*

*Сухбат бо зиндагист, бо мурдан нест.* [22]

Хамин аст, ки бархе аз ахли калам ханyз хам саргарми истифода аз образу устурахои динӣ, мазхабӣ, арабӣ, мисли Сулаймон, Хоруту Морут, Юсуфу Зулайхо ва гайра мебошанд. Ирфону тасаввуф, шӯру вачду холу бехудию такдирпарастӣ ва фарханги бегонаро таргиб месозанд. Гурӯхи дигар ба шачараноманависӣ, олимону адибонро муллою эшону сайидзода сохтан ва муаррифӣ кардан машгуланд. Саввум, аз босмачихо кахрамон месозанд, чахорум, осори олимону адибони асри гузашта ва дастовардхои миллати моро дар он замон, яъне асри XX инкор менамоянд, як навъ эпидемияи (вабои) гузаштаситезӣ, нигилизм (инкор), тахрифи вокеиятро дар фазои илм ва адаби мо пахн

ва эчод менамоянд, ки натанхо боиси нигаронии ахли илму адаб, балки давлат хам шудаанд. Онхо гӯё намедонанд, ки мо махз дар натичаи захмату чонфидоии пешиниён, ба вижа фарзандони бузурги миллат, ба ин рӯзи фирӯз, яъне истиклол расидем. Бехуда шоир ба мо хушдор надодааст:

*Хама аз кӯшиши пешиниён аст,*

*Агар осоише акнун ту дорӣ.* [23]

Бадбахтона, бархе аз нависандагон, ба чойи «Махмуди торобинома», «Мавлавинома», «Биноинома», «Яъкубилайснома», «Сосоннома», «Сомоннома», «Картнома», «Сарбадорнома», «Сохибишерозинома», «Каюмарснома», «Хушангнома», «Урфинома», «Айнинома», «Лохутинома», «Турсунзоданома» ва гайра навиштан имрӯз низ «Искандарнома» менависанд. Масалан, Сорбон «Достони писари Худо» («Искандарнома»)-ро менависад. Чумъа Одина низ дар поёни асри гузашта романи «Искандари Макдунӣ»-ро эчод менамояд, ки нотамом мемонад. Вокеан, Карим Мусо дар ин бора, яъне орзуи навиштани эпопеяи «Искандари Макдунӣ»-ро аз чониби Чумъа Одина чунин ба калам медихад: «Китоби нотамоми Чумъа Одина «Искандари Макдунӣ» баъди падруди муаллифаш бо зиндагӣ дар шуморахои мачаллаи «Садои Шарк» чоп шуд, ки маро дар хайрат гузошт. Зеро ба гуфти худаш, ки доир ба ин чахонгир асаре навиштан дар майнааш мечархидааст, фурсати зиёде нагузашта буд. Вай ин корро бо хама мочароххои вобаста ба романи «Гузашти айём» мутародиф пеш мебурдааст. Вале сар карду ба поён расонида натавонист. Хол он ки, ба гуфти Убайд Рачаб, дар хамон китоби ёддоштии «Дӯш будам хамнишин», Чума Одина «Эпопеяи Искандари Макдуниро» нияти дар панч китоб ба поён расонидан доштааст…». [24] Ба кавли устод Лоик:

*Ситамгарро Сикандар кардаӣ ту,*

*Музахрафро музаффар кардаӣ ту!*

*Валекин бузрукони нобигатро*

*Гадоёни паси дар кардаӣ ту.* [25]

Гузашта аз ин, Саттор Турсун дар романи «Се рӯзи як бахор», Мирзо Насриддин (Саидзода) дар романи «Оташ дар хонаи кадим» (дар ду чилд), Урун Кухзод дар романхои «Бандии озод», «Таквими рохгум», Аброри Зохир дар романхои «Муковимат», «Бозгашт», Бахром Фирӯз дар романи «Гафлатзадагон» босмачиёнро ба сифати кахрамон интихоб намуда онхоро ватандӯст муаррифӣ менамоянд. Мо дар китобхои «тахкикӣ»-и «Чонпайванд»-и Мирзо Шукурзода, «Чусторхо ва ибтикорот дар наср»-и Абдухолики Набавӣ, «Адабиёт ва фарханги миллӣ»-и Рустами Ваххобзода, «Точикони Мовароуннахр»-и Абдукодир Холикзода, «Истиклол ва худшиносии ичтимоию маънавӣ»-и Шакурӣ, «Андешахои адабӣ-эстетикии Садриддин Айнӣ»-и Наргис Аслонзода ва дар даххо асархои дигар ба накди носолим, нигилизм (инкор), сиёхкунӣ, тахрифкорӣ, босмачиситоӣ, динситоӣ, амирситоӣ, айниситезӣ, турсунзодаситезӣ, худситезӣ, паст задани забони точикӣ ва гайра низ рӯ ба рӯ мешавем. Ба кавли Калими Кошонӣ:

*Рахнамоёни замони мо хама рах мезананд,*

*З-он миён гар росте дидем, асои кӯр буд.* [26]

Дар хакикат, ин олимон ва адибон ба чойи рахнамоӣ, нишон додани хатархо, тахдидхо, ки имрӯз кишвару миллати мо ба онхо рӯ ба рӯянд, ба ин гуна мавзӯъхои барои миллат ва кишвар зиёнрасон даст зада ва мезананд, яъне як навъ рахзанӣ менамоянд. Хол он ки мо дар як вазъияти хассос, нозук ва хатарнок барои миллату кишвар карор дорем. Вазифаи олимону адибон нишон додан ва мучассам сохтани хамин хатархо ва тахдидхо мебошад. Вокеан, хатаршиносӣ, тахдидшиносӣ чист? Хатаршиносӣ илм аст, мисли адабиётшиносӣ, инсоншиносӣ, диншиносӣ, китобшиносӣ, чомеашиносӣ, мактабшиносӣ, рухшиносӣ, рӯзномашиносӣ ва гайра. Албатта ин мафхумхо, ба вижа мафхуми хатаршиносӣ дар кишвари мо хеле чавон аст. Акунун ба забонхо чорӣ ва сорӣ мешавад. Он илмест, ки дар бораи тахдидхо сухан мегӯяд, хушдор медихад. Аз нерухои мухталифи дохиливу хоричӣ, алалхусус минтакавию чахонӣ, террористхо, экстремистхо, гурӯххои радикалӣ, хабар медихад, то кишвар ва миллат барои дифоъ омодагӣ бигирад, хатару тахдидхоро пешгирӣ намояд. Мутаассифона, касоне, ниходе, мутахассисоне, ки ба маънии васеъ ва тангаш ба ин масъала машгул бошанд, давлатро, чомеаро, халкро огох намоянд, хануз дар байни олимону адибони мо падид наёмадаанд. Ба ин маънӣ, хатаршиносӣ ханӯз расмият пайдо накардааст. Лихозо, имрӯз зарур аст, ки он хатархое, ки ба миллат ва кишвар тахдид мекунанд, ба таври чиддӣ мавриди омӯзиш карор бигиранд. Албатта, мо хатархои табииро дар ин маврид истисно менамоем. Хадафи мо

нишон додани хатархои сиёсӣ ва динию мазхабиянд, ки нажоду миллат ва кишвархои пурнуфусу пурнуфузи олам аз рӯи барномахои махсус амалӣ мекунанд ва кардан мехоханд. Хусусан барои мо имрӯз ба шиддат динзада шудани кишвар, минтака ва олам, кудратчӯӣ, бартариятчӯӣ, аз чумла кударати нажодӣ, миллӣ, эпидемияи (вабои) гузаштаситезӣ, нигилизм (инкори дастовардхои миллату кишвар дар асри гузашта), бегонаситоӣ, босмачиситоӣ, бетафовутӣ, бетарафӣ, бемасъулиятӣ, дурӯӣ, чандрӯӣ, тамошогарӣ, бехувиятӣ, яъне манкуртӣ, бехотирагӣ ва гайра аз хар лихоз нигаронкунандаанд. Аммо, неоусмонизм (навусмонизм) аз хама хатарнок мебошад, ки натанхо ба оянда нажоду миллати мо, балки ба нажоду миллатхои дигари чахон низ тахдид менамояд. Аз ин рӯ, имрӯз ин докторинаи нажодию фашистӣ на факат мо, балки чахониёнро низ нигарон сохтааст. Бояд онро пешгирӣ ва хунсо кард. Аммо ин мавзӯи дигар аст ва баррасии алохидаро такозо менамояд. Вокеан, олимону адибон имрӯз вазифадоранд, ки дирӯзи миллат, имрӯзу фардои онро аз рӯи вичдон, мунсифона тахкик намоянд ва ба риштаи тасвир бикашанд, танхо бо бадеият, ороишу пероиш саргарм нашаванд.Ояндаи миллат, бакои кишвар ва хатархои мавчударо бишиносанд, ошкор намоянд ва ба хонанда хабар бидиханд, чунки ба кавли нависандаи маъруф Тургенев, « **даврахое хастанд, ки адабиёт наметавонад танхо бадеиёт бошад, зеро манфиатхое хастанд, ки аз манфиатхои бадеӣ болотаранд. Лахзаи худшиносӣ ва танкид, чунонки дар хаёти шахсони алохида зарур аст, дар зиндагонии халк низ зарурат дорад».**
[27]
Аз ин хотир, олимону адибон бояд дирӯзшинос, имрӯзшинос ваояндашинос бошанд. Харгиз ба бехабарӣ, бетафовутӣ, гафлат рох надиханд, яънеояндабин бошанд, зеро, ба кавли Низомулмулк, «гафлат давлатро бибарад»
[28]
ва ба андешаи Чон Голсуорси, «агар аз оянда наандешед, оянда нахохед дошт».
[29]
Бехуда шоир нагуфтааст:

*Маро аз гафлати худ бар сар ин бедод меояд,*

*Набошад сайд агар гофил, чӣ аз сайёд меояд?* ***[30]***

Рӯи хамин асос, мо бояд дар бораиояндаи Точикистон биандешем, хатархое, ки пешорӯи миллат ва кишвар аст, ошкор ва кашф намоем. Зеро Точикистон хатто нимчазира нест, балки, ба кавли олимону адибон чазира аст, дони танхост дар осиёи замона, мисли охуест раманда дар миёни кишвархо:

*Халкиточик дар Осиёи Миёна-*

*Дони танхо дар осиёи замона.* [***[31]***]

*Лоик*

*Дар харита мисоли охуест*

*Точикистон миёни кишвархо.*

*Ай Худо, доми душманаш баркан,*

*Ай Худо, тири душманаш бишкан!* [***[32]***]

*Гулназар*

Дар хакикат, ин холати миллат ва кишвари моро хатто хамзабонони мо мушохида кардаанду изхори нигаронӣ намудаанд. Парвиз Нотили Хонларӣ гӯяд: «Точикистон монанди чазирае миёни кишвархои «дигарзабон» мондааст, агарчи он кишвархои дигар хам ба забону адабиёт ва фарханги эронӣ бегона нестанд ва миёни эшон форсигӯй ва форсидон мондааст. Аммо точик ба маънии форс ва форсизабон аст ва мардуми ин кишвар ин маъниро хуб медонанд. Як шоири чавони точик шеъре дорад, ки мазмуни он дилбастагӣ ба забони дарӣ аст ва ман дар форсӣ шеъре дигар чунин пуршӯр дар баёни ин алока ба забони форсӣ (дарӣ-точикӣ) сурог надорам. Ин шеъри шурангезро дар хамин шумораи «Сухан» зери унвони «То хаст оламе, то хаст одаме» мехонед». [33] Дигар, Худованд доми душманонро, ки гирди мо танидаанд, намеканад, тире, ки сӯи мо рост кардаанд, намешиканад, зеро ӯ, ба кавли маъруф, оламро офарид, аммо дар он дахле надорад. Дигар, ӯ ба мо бехтарин неъмат-аклу хирадро арзонӣ доштааст, то худамонро, Ватанамонро аз хатархо эмин бидорем. Бинобар ин, чуз мову шумо каси дигаре доми душманонро канда ва тири онхоро шикаста наметавонад. Лихозо, мо бояд

ватандӯсту чонфидо бошем ва маргро аз зиндагӣ авлотар донем. Бехуда нагуфтаанд:

*Ба номи накӯ гар бимирам, равост,*

*Маро ном бояд, ки тан маргрост.* [34]

*Фирдавсӣ*

*Гар бибояд мурд, боре хезу дар майдон бимир,*

*Марг дар майдон бех аз марге, ки андар бистар аст.* [35]

*Маликушшуаро Бахор*

Бо як сухан, факат мову шумо нигахбони ин миллат ва Ватан хастем. Факат моем, ки бо хамаи мушкилот нигох накарда, ин Ватанро аз бадхохон дифоъ мекунем ва дар рохи он агар лозим шавад, чони худро фидо менамоем:

*Дил ба гами Ватан фигор ман накунам, кӣ мекунад,*

*Чон ба рахи Ватан нисор, ман накунам, кӣ мекунад?* [36]

Мо бояд на танхо аз часортаи миллӣ, балки гурури миллӣ низ бархӯрдор бошем ва дар хар холату шароит обрӯй ва иззату шарафи иноснии худро хифз намоем. Гузашта аз ин, мо бояд дар хамин гуна рух, яъне бархӯрдорӣ аз гурури миллӣ ва инсонӣ таълиму тарбия ёбем, то битавонем дар мушкилтарин холатхо, пешомадхои ногувору ногахонӣ,

гайримунтазир, сахтихои модиву маънавӣ, сиёсию иктисодӣ ва гайра, иззату обрӯю шарафи инсонию миллии хешро нигах дорем, дур аз хиёнату ночавонмардӣ карор бигирем ва ба кавли Мавлоно, косаи дӯги хешро аз ангубини бегонагон авлотар донем ва озодиро ба бандагӣ савдо нанамоем:

*Гар косаи дӯги хеш бошад пешам*

*В-аллах, ки з-ангубини кас н-андешам.*

*В-ар бебаргӣ ба марг молад гӯшам,*

*Озодиро ба бандагӣ нафрӯшам.* [37]

Аз сӯи дигар, мо набояд имрӯз дар хоксорию тавозӯъ, нармию мадоро, ки бо сабабхои айниву зехнӣ ба хӯю хислати зотии мо табдил ёфтааст, ифроту тафрит намоем, зеро хамин хоксорию нармии аз хад зиёди мо буд, ки боиси сарафкандагию хорию зории мо гардид ва мо ба таври бояду шояд натавонистем аз манфиатхои миллию инсонии худ дифоъ намоем ва аз чойгохе, ки шоистаи миллати мост, бархӯрдор гардем. Хамин сифату хислати мо, яъне нармхӯии аз андоза бехади мо буд, ки мо хама чизро аз даст додем, душманони худро обрӯю манзалату давлату сарвату саодат бахшидем, аммо худро хору зору бемикдор сохтем. Имрӯз замоне расидааст, ки мо дар ин каламрав хадди эътидолро риоя намоем, то битавонем иззату нафси худро нигах бидорем, бозичаи дасти дигарон нашавем. Ин хитоб ва андарзхо, ки аз каъри асрхо ба мо хушдору сало медиханд, имрӯз низ метавонанд ба масобаи рахнамо бароямон хидмат намоянд. Бинобар ин, мо бояд онхоро хифз намоем ва хамвора пешорӯи худ дошта бошем:

*Як хамлаю як хамла, к-омад шабу торикӣ,*

*Чустӣ куну туркӣ кун, не нармию точикӣ.* [38]

*Мавлавӣ.*

*Нармӣ зи хад мабар, ки чун дандони мор рехт,*

*Хар тифли найсавор кунад тозиёнааш.* ***[39]***

*Соиб*

*Таназзул обро аз нармхӯист,*

*Баландӣ кухро аз сахтрӯист.* ***[40]***

*Нозим*

*Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун,*

*Бардор ба охан охани тофтаро.* ***[41]***

*Бедил*

Лихозо, мо барои хамаи шахрвандони кишвар дирӯзшиносӣ, имрӯзшиносӣ, ояндашиносӣ ва худшиносиву ифтихори миллӣ таманно менамоем, зеро, ба кавли П.А. Столипин,

«кавми махрум аз худшиносии миллӣ, мисли поруест, ки бар рӯи он кавмхои дигар рушду нумув хоханд кард». [42] Аз ин рӯ, аз забони Мавлоно мегӯем:

*Ман бандаи он кавм, ки худро донанд,*

*Хар дам дили худро зи галат бирхонанд.*

*Аз зоту сифоти хеш созанд китоб,*

*Фехристи китобро аналхак хонанд.* ***[43]***

**Чамолиддин Саидзода,**

**адабиётшинос**

---

[1] Саид Нафисӣ. Мухити зиндагӣ ва ахволу ашъори Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008. – С. 20.

[2] Рӯдакӣ бояд, ки ояд бори дигар бар чахон… -Панчекат, 19966. –С. 52.

[3] Шахбайтхои «Шохнома». –Душанбе:Адиб, 1990. –С. 205.

[4] Васияти Хасани Саббох. –Душанбе:Нодир, 2005. –С. 6.

[5] Носири Хусрав. Куллиёт. Деволни ашъор. –Ч.1. –Душанбе:Эр-граф, 2003. –С. 530.

[6] Хамон чо. –С. 101.

[7] Хамон чо. –С.528.

[8] Девони Хоконии Шарвонӣ. –Техрон, 1368. –С. 252.

[9] Хамон чо. –С. 930.

[10] Хамон чо. –С. 140.

[11] Фарханги забони точикӣ. –Ч.1. –Москва, 1969. –С. 892.

[12] Девони Хоконии Шарвонӣ. –С. 36.

[13] Маснавии маънавӣ. –Техрон, 2001. –С.313.

[14] Офтоби маърифат. –Душанбе, 2007. –С. 195.

[15] Чалолиддини Румӣ. –Девони кабир. –Ч.2. –Душанбе:Адиб, 1993. –С. 395.

[16] Маснваии маънавӣ. –С. 183.

[17] Хочуи Кирмонӣ. Хамса. –Хучанд:Хуросон, 2017. –С. 68-69.

[18] Садриддин Айнӣ. Куллиёт. –Ч.2. Шнърхо. –Душанбе:Дониш, 2020. –С.324.

[19] Хамон чо. –С.339.

[20] Съезди дуюми нависандагони советии Умумииттифок. Хисоби стенографӣ. –Москва, 1956. –С.552.

[21] Абулкосим Лохутӣ. Шеърхо ва достонхо. -Китоби 2. –Душанбе:Адиб, 1987. –С. 187.

[22] Абулкодири Бедил. Рубоиёт. –С. 17.

[23]

[24] Карим Мусо. Чабри таърих. –Душанбе: Бухоро, 2013. –С. 93.

[25] Лоик. Фарёди бефарёдрас. –Душанбе: Адиб, 1997. –С. 97.

[26] Калими Кошонӣ. Гули хуршед. –Душанбе: Ирфон, 1985. –С. 114.

[27] Чамолиддин Саидзода. Тарбияи ифтихор ва худшиносии миллӣ дар дарсхои адабиёт. –Душанбе:Ирфон, 2012. –С.88.

[28] Низомулмулк. Сиёсатнома. –Душанбе: Адиб, 1989. –С. 30.

[29] Чон Голсуорси. Андарзи бузургон. –Душанбе:Адиб, 2020.–С, 220.

[30] Соиб. Мунтахаб. –Душанбе: Ирфон, 1980. –С.356.

[31] Лоик. Фарёди бефарёдрас. –Душанбе:Адиб, 1997. –С. 97.

[32] Гулназар. Аз китоби «Лолахо дар ёлахо». Адабиёт ва санъат, 5 июли соли 2012.

[33] Парвиз Нотили Хонларӣ. Дар сарзамини Рӯдакӣ. Садои Шарк, 1968, №4. –С. 72.

[34] Абулкосим Лохутӣ. Шохнома. –Ч.6. –Душанбе:Адиб, 1989. –С. 395.

[35]

[36] Ѓаффор Мирзо. Сахифаи адабӣ. Чавонони Точикистон, 22 сентябри соли 2022.

[37] Чалолиддини Румӣ. Рубоиёт. –С. 57.

[38] Чалолиддини Рӯмӣ. Девони кабир. – Ч.2.-Душанбе: Адиб, 1993. – С. 252.

[39] Соиб. Мунтахаб. –Душанбе: Ирфон, 1980. –С. 539.

[40] Нозими Хиротӣ. Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С.122.

[41] Абулкодири Бедил. Осор. –Ч.7. –Душанбе: Адиб, 2007. –С. 41.

[42] П.А. Столипин. Садои Шарк. 2019, № . –С.

[43] Чалолиддини Румӣ. Рубоиёт. –Душанбе: Ирфон, 1984. –С. 35.